«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, профессор
______________ Шарифзода М.М.
«_28_»____08______2023 с.

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Турсунов Хушрӯз Муталибович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешбинӣ гардидааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – “Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо”, бандҳои 10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо ва бизнеси байналмилалӣ; 10.3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Идоракунии давлатии низоми андоз, гумрук ва маҷмаи иқтисоди беруна. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои ташкили истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ (давлатӣ); 10.5. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес мутобиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот**. Дар доираи ҳадафҳои таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, ки ба густариши минбаъдаи робитаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки афзалиятҳои муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ равона гардидааст, вобаста ба шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушд ва тавсеаи фаъолияти

иқтисодии хориҷӣ, ки бо фаъолгардонии кишвар дар робитаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ алоқаманд мебошанд, таъмини рушди муносибатҳои гумрукӣ ва такмили методҳо ва воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

**Навгонии илмии тадқиқот**. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ба даст омада, ки навгонии илмиро дар бар мегиранд, аз инҳо иборат мебошанд:

– дар асоси таҳлили назариявии самтҳои гуногуни назарияи фаъолияти гумрукӣ асоснок карда шудааст, ки фаъолияти гумрукӣ дар худ назария ва амалияи танзими маҷмуи муносибатҳои ба ҷойивазкунии молҳо аз тариқи сарҳадҳои гумрукии давлатҳо алоқамандидоштаро таҷзия мекунад;

– ба идоракунии низоми гумрук таърифи муаллифӣ дода шуда, он ҳамчун низоми мураккаб баррасӣ гардидааст;

– ташаккул ва рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ аз рӯйи як қатор шароит даврабандӣ карда шуда, вобаста ба ҳолати осебпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боиси тадриҷан коҳиш ёфтани имкониятҳои иқтидории ба хоҷагии ҷаҳонӣ якҷояшавии он мегардад, асоснок карда шудааст, ки самти асосии сиёсати иқтисодии ҷумҳуриро бояд бартараф намудани камбудиҳои болозикри марбут ба рушди ҳамкории иқтисодии берунӣ дар асоси такмили механизмҳо ва воситаҳои низоми гумрук ташкил диҳад;

– низоми идоракунии молу воситаҳои нақлиёт ва амволи дар додугирифти моликияти давлат қарордошта коркард шуда, хусусияти хоси хироҷи гумрукӣ асоснок карда шудааст;

– вобаста ба ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти гумрукӣ алгоритми равандҳои таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук ва ташаккули низоми нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрук коркард карда шудааст; нисбат ба ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории сифати хизматрасониҳои гумрукӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти мақомоти гумрук муносибати методӣ таҳия шудааст;

– асосҳои консептуалии коркарди сиёсати кадрӣ ва таъминоти кадрии низоми гумрук пешниҳод гардида, ҷиҳати таҳияи стратегияи рушди сиёсати кадрии низоми гумрук алгоритми дар бар гирандаи як қатор марҳилаҳои пайдарҳам пешниҳод карда шудааст.

**Асоснокунӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи проблемаи мавриди омӯзиш, объект, предмет, мақсад ва

вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, инчунин тасвиби хулоса, натиҷаҳо ва сохтори рислаи илмӣ пешбинӣ гардидааст (саҳ. 4-15).

Дар боби аввал «**Асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии низоми гумрук**» унвонҷӯ масъалаҳои марбут ба муносибатҳои назариявӣ доир ба таснифи муҳтаво ва вазифаҳои низоми гумрук, нақши идоракунии низоми гумрук дар амалигардонии вазифаҳои стратегии иқтисодиёти мамлакат ва муносибатҳои методологиву методӣ доир ба ташкили идоракунии низоми гумрук ва арзёбии самаранокии онро мавриди таҳқиқ қарор додааст (саҳ. 16-69).

Муаллиф дар заминаи омӯзиши асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки нисбат ба моҳияти низоми гумрук тавсифҳои гуногунро дар бар гирифтаанд, низоми гумрукро чунин тавсиф намудааст: низоми гумрук - ин маҷмуи элементҳо ва ҷузъҳои таркибии бо ҳам алоқанди ниҳоди гумрук (шакл, восита ва методҳо) мебошад, ки дар пояи муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ташаккул ва рушд ёфта, тавассути идора ва танзими воридоту содирот танзими давлатии фаъолияти иқтисоди берунаи мамлакатро таъмин менамояд. Ҷузъҳои таркибии онро сатҳои гуногуни мақомоти гумрук ташкил медиҳанд, ки онҳо умумияти функсионалӣ ва ягонагӣ дошта, дар доираи низоми ягонаи марказонидашуда фаъолият мекунанд (саҳ. 19).

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки масъалаҳои илмии мавзӯъ, пеш аз ҳама зарурати таъсиси консепсияи мукаммали низоми гумрукро тақозо менамоянд, ки бояд марҳилаҳои пайдарҳами зеринро фаро гиранд: муайян кардани тарҳи умумии фаъолияти гумрукӣ, ки имконият медиҳад он ҳамчун низом барассӣ карда шавад; муқаррар кардани мақсадҳо, вазифаҳо, сохтори назариявӣ, прагматикӣ ва илмӣ; муайян кардани принсипҳои ба даст овардани донишҳо, ҷамъоварӣ ва ташкили истифодаи амалии онҳо (саҳ. 20).

Дар асоси омӯзиши асарҳои олимон ва муҳаққиқони ватанӣ, ҷиҳати муайян намудани сатҳи масъулияти ниҳоди хадамоти гумрук дар низоми сохтори институтсионалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар диссертатсия раванди институтсионализатсияи он вобаста ба таърихи кӯтоҳи ташаккул ва рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ марҳилабандӣ (саҳ. 30) ва зимнан вазифаҳои асосии низоми гумрук мушаххас карда шудааст (ҷадвали 1.1).

Муаллиф дар рафти муайян намудани нақши идоракунии низоми гумрук дар амалигардонии вазифаҳои стратегии иқтисодиёти мамлакат

идоракунии фаъолияти гумрукро ҳамчун яке аз соҳаҳои идоракунии давлатӣ дар самти иҷтимоию иқтисодӣ ва инъикоскунандаи зерсистемаи нисбатан густурдаи низоми мураккаб ва бисёрҷанбаи идоракунии давлатии ҷамиятӣ баён намудааст. Ғайр аз ин, ӯ чунин андеша дорад, ки идоракунии давлатии фаъолияти гумрукро ҳамчун фаъолияти мунтазам, нақшавӣ ва мақсадноки сохторҳои хадамоти гумрук баррасӣ намудан зарур аст, ки он дар равандҳои иҷроию-танзимӣ бавуҷуд омада, аз рӯйи мазмуни таъсиррасонӣ ба объектҳои идорашаванда ташкил мегардад ва ҳадафҳои худро дар самти таъмини манфиатҳои иқтисодӣ ва инчунин таъмини амнияти иқтисодию миллӣ пайгирӣ менамояд (саҳ. 34).

Дар диссертатсия таъкид гардидааст,ки дар шароити муосир дар ҷанбаи идоракунии иқтисодии низоми гумрук гузариш аз шакли «гумрук барои давлат» ба шакли муосири он «гумрук барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ» муҳим мебошад, зеро дар натиҷаи он тағйири тамоюли сиёсати гумрукӣ, яъне ба самти ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ва бахши соҳибкорӣ майл кардани он ба амал меояд (саҳ. 45).

Муаллиф ба мушаххас намудани мафҳуми низоми идоракунӣ дар гумрук таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ибрози андеша менамояд, ки доир ба ин мафҳум то ба имрӯз тафсири ягона пешниҳод нагардидааст ва ба андешаи мо, моҳияти идоракунии низоми гумрук бояд тавассути дарки ҳамин гуна як низоми идоракунӣ ва назария оид ба идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ фаҳмида шавад. Зимнан дар ин самт ӯ ақидаи Макрусевро ҳамрайъӣ намудааст (саҳ. 52).

Дар таҳқиқот оварда шудааст, ки муносибати иқтисодӣ нисбат ба баҳогузории сиёсати гумрукӣ бо иҷрои сиёсати иқтисодии дохилӣ ва берунии давлат алоқамандӣ дошта, он аз рӯйи интихоби амсилаи муносиби низоми муносибати байниҳамдигарӣ бо субъектҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар самти мувофиқати ҳамоҳанги протексионизм ва савдои озод муайян карда мешавад (саҳ. 69).

Дар боби дуюм «**Арзёбии ҳолати муосири рушди низоми гумрук ва механизми иқтисодии идоракунии он**» унвонҷӯ ҳолати танзими гумрукии фаъолияти иқтисоди хориҷии ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор дода, механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии низоми гумрук ва сатҳи таъминоти молиявии идоракунии низоми мазкурро арзёбӣ намудааст (саҳ. 70-131).

Зимни таҳлил муайян карда шудааст, ки ҳаҷми содирот нисбат ба ММД дар соли 2021 24,4%-ро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2017 ба андозаи 8,7 банди фоизӣ зиёд гардидааст ва ҳиссаи воридот дар

ММД дар соли 2021 нисбат ба соли 2017 аз 36,4% то 47,8% афзоиш ёфтааст (саҳ. 71).

Ғайр аз ин муайян карда шудааст, ки дар сохтори содирот маҳсулоти ашёи хоми содиршаванда бартарӣ дошта, ҳаҷми содироти он нисбат ба маҳсулоти тайёр ё коркардшуда тамоюли камшавиро дорад (саҳ. 77).

Муаллиф дар самти либерализатсияи ФИБ чунин андешаронӣ намудааст, ки бидуни аниқ кардани муҳтавои мафҳуми «иқтисодиёти кушод» оид ба масъалаи либерализатсияи фаъолияти иқтисодии берунӣ баҳс намудан мушкил аст (саҳ. 85).

Ба андешаи муаллиф зери мафҳуми механизмҳои низоми гумрук маҷмуи унсурҳои ҷудогонаеро дарк кардан мумкин аст, ки барои таъмини амалигардонии вазифаҳои низоми гумрук равона карда шудаанд (саҳ. 90).

Дар таҳқиқот дарҷ гардидааст, ки манфиати возеҳу равшани давлат аз дастгирии фаъолияти низоми гумрук, таъмини ҳолати муътадил ва рушди он вуҷуд дорад. Ин бо зарурати иҷрои муваффақонаи вазифаҳои муқаррарнамудаи давлат аз тарафи мақомоти гумрук алоқаманд мебошад. Дар ин ҷо иҷрои нисбатан бештари вазифаҳои фискалии низоми гумрук, яъне гузаронидани маблағи андоз, боҷҳо ва пардохтҳои гумрукӣ, ба назар мерасанд (саҳ. 98).

Дар заминаи гузаронидани пурсиши иҷтимоӣ муаллиф самаранокии хизматрасонии гумрукиро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мусоидаткунанда ба ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро коркард намудааст (саҳ. 101-104).

Зимни гузаронидани таҳлилҳо нақши хироҷи гумрукӣ дар таъминоти молиявии фаъолияти унсурҳои низоми гумрук муайян карда шуда, ҷиҳати муайян намудани алоқамандии нишондиҳандаҳои таъғйирёбии ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ  ва таъғйирёбии пардохтҳои гумрукӣ муодила пешниҳод карда шудааст ва дар натиҷаи татбиқи он муайян карда шудааст, ки вобаста ба ҳар як фоизи болоравии гардиши савдои хориҷии кишвар пардохтҳои гумрукӣ ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 12.26 фоиз афзоиш меёбад (саҳ. 116).

Дар баробари ин, барои дурнамои нишондиҳандаи хироҷи гумрукӣ низ муодила пешниҳод гардида, дар заминаи татбиқи он муайян карда шудааст, ки  ҳангоми дар ҳаҷми 1 доллари ИМА зиёд гардидани пардохтҳои гумрукӣ ба ҳисоби миёна 0.0149 доллари ИМА ба хироҷи гумрукӣ рост меояд (саҳ. 116). вобаста аз маҷмуи пардохтҳои гумрукӣ тавассути муодилаҳои муносиб тағйирёбии нишондиҳандаҳои дигар низ муайян карда шудааст.

Ғайр аз ин, дар асоси маълумоти омории (пардохтҳои гумрукӣ ва воридот) давраи солҳои 2010-2021 ва татбиқи усулҳои эконометрӣ амсилаи регрессионии арзёбии пардохтҳои гумрукӣ дар сатҳи Хадамоти гумрук ва Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе таҳия ва татбиқ карда шудааст (саҳ. 125).

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки имрӯзҳо захираҳои молиявии ба низоми гумрук аз буҷети давлатии Ҷумҳурӣ воридшаванда дар таносуб бо маҷмуи захираҳои молиявие, ки низоми гумрук дорад ниҳоят кам мебошанд (саҳ. 131).

Дар боби сеюм «**Роҳҳои асосии такмили механизми идоракунии низоми гумрук**» аз ҷониби унвонҷӯ таъминоти иттилоотӣ-таҳлилии идоракунии низоми гумрук мавриди арзёбӣ қарор дода шуда, нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии идоракунии низоми гумрук коркард ва роҳҳои такмили механизми идоракунии иқтидори кадрии низоми гумрук арзёбӣ карда шудааст (саҳ. 132-183).

Муаллиф хусусиятҳои идоракунии низоми гумрукро дар сатҳҳои мухталифи идоракунӣ баён намуда, хусусиятҳои хоси онҳоро баён намудааст (саҳ. 132).

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки таҳти фаъолияти иттилоотии зерсохторҳои мақомоти гумрук муттаҳидӣ (ягонагӣ)-и равандҳои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва тақсимбандии иттилоотии ба мақомоти гумрук вогузоршуда фаҳмида мешавад (саҳ. 141). Зимнан нақшаи фаъолияти таҳлили аз ҷониби муаллиф таҳия карда шуда (расми 3.3), принсипҳои асосии зерсохтори иттилоотию таҳлилии мақомоти гумрук мавриди баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 142-144).

Муаллиф низоми гумрукро ҳамчун низоми муттасил рушдкунанда, раванди мақсадноки амалкарди низоми ягонаи мақомоти гумрук баррасӣ намуда, амсилаи математикии идоракунии низоми гумрукро пешниҳод ва шарҳ додааст (саҳ. 145).

Дар диссертатсия дар гардидааст, ки ҳангоми интихоб ва коркарди низоми нишондиҳандаҳо бояд ба меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрук такя кард. Меъёрҳои дар адабиёти илмӣ мавҷудбударо муаллиф ҷамъбаст намуда, як қатор меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрукро пешниҳод намудааст (саҳ. 184) ва алгоритми ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти низоми гумрукро таҳия намудааст (расми 3.6).

Дар заминаи ҷамбасти меъёрҳои илман асоснокшуда муаллиф истифодаи як қатор меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрукро пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ барои такмили методҳои

баҳогузории сифати хизматрасониҳо бояд хизматрасониҳои гумрукӣ гурӯҳбандӣ ё ба хизматрасониҳои асосию иловагӣ (аз рӯйи хосияти фаъолият) тақсим карда шаванд (саҳ. 181).

Дар рафти таҳқиқот мафҳуми "Иқтидори кадрӣ" аз якчанд ҷанба мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шуда, муайян карда шудааст, ки он мафҳуми бисёрнақшавӣ буда, ҷанбаҳои шахсии ҳаракати унсурҳои дохилии худро инъикос менамояд (саҳ. 181).

Дар **хулоса** хулосаҳои асосии назариявӣ ва тадбиҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд, ки ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқотро инъикос мекунанд (саҳ. 184-188).

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии мазкур ҷиҳати татбиқ дар рафти гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ ва барои истифода дар рафти такмили воситаҳои идоракунии фаъолияти гумрук, коркарди стратегияи таъминоти иттилоотӣ ва кадрии идоракунии низоми гумрук пешниҳод гардидаанд, ки як қатор қоидаҳо ва пешниҳодот «Оид ба фонди рушди низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди коркарди стратегияи рушди хизмат дар давраи дарозмуҳлат қабул шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои дисссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар такмил додани асосҳои илмӣ ва методологии идоракунии низоми гумрук ва инчунин дар асоснок намудани истифодаи механизмҳои иқтисодии идоракунии низоми гумруки мамлакат бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллии кишвар дар марҳалаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфта, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия овардашударо роҳбарони мақомоти гумрук метавонанд дар раванди такмил додани воситаҳои идоракунии фаъолияти гумрук, коркарди стратегияи таъминоти иттилоотӣ ва кадрии идоракунии низоми гумрук мавриди истифода қарор диҳанд.

Инчунин асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муқаррароти бунёдии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ба такмилӣ механизмҳои идоракунии низоми гумрук ва густариши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ нигаронида шудаанд, асоснок карда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз тарафи муаллиф вобаста ба рисолаи илмӣ 17 корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ иҷро гардидааст, ки дар маҷмуъ 4,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд. Аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда рӯйи чоп оварда шудаанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, фарогири 131 номгуйи адабиёт мебошад. Матни асосии диссертатсия 208 саҳифаи чопи компютериро бо фарогирии 32 ҷадвал ва 18 расм ташкил медиҳад.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда.**

1. Дар боби аввали диссертатсия бояд таҷрибаи хориҷии идоракунии низоми гумрук мавриди омӯзиши амиқ қарор мегрифт.
2. Дар боби дуюми таҳқиқот бояд муаммоҳои идоракунии самраноки низоми гумрук дар мамлакат нисбатан васеътар тавсиф меёфт.
3. Дар диссертатсия ба масаълаҳои методи барномавии мақсаднок, ки тамоми марҳилаҳои низоми идоракунии гумрукро дар бар мегирад ва дар хориҷи кишвар паҳн гардидааст, таваҷҷуҳи махсус заҳир карда нашудааст.
4. Яке аз консепсияи ояндадори идоракунӣ дар мақомти гумрук, ки тамоми самтҳои назариявию амалии идоракуниро инъикос менамояд ин контроллинг мебошад. Ин масъала низ аз доираи пажӯҳиш дур мондааст.
5. Дар масаълаи ташаккулу рушди иқтидори кадрии низоми гумрук ба масаълаи арзёбии истифодаи самараноки он кам таваҷӯҳ дода шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Тахассуси Турсунов Хушруз Муталибович довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексҳо мутобиқат мекунад.

Умуман, диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексҳо ба иҷро расонида шудааает, мутобиқ ба талаботҳои муқарраршуда иҷро гардидааст ва аз лиҳози кори илмии

асоснокгардидаи ба итмомрасида ва дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафтани он тавсия дода мешавад, ки муаллифи он Турсунов Хушруз Муталибович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Тақриз дар маҷлиси васеи кафедраи хадамоти гумруки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 28.08.2023, протоколи № 1 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Раиси маҷлис:
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи хадамоти
гумруки ДДҲБСТ **Мирзозода Ф.Ҷ.**

Ташхисгар:
н.и.и., дотсенти
кафедраи хадамоти
гумруки ДДҲБСТ **Каримов Р.А.**

Котиби маҷлис:
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи иқтисодиёти
корхонаҳо ва минтақаи
ДДҲБСТ **Қаюмов Ф.Ғ.**

Имзои н.и.и., дотсентон: Мирзозода Ф.Ҷ., Каримов Р.А., Қаюмов Ф.Ғ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ, тел: +992 (3422) 2 38 11